«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа Ҳайдарзода Р.Ч.

________________

«29» апрели соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Мамадқулова Р.О. дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба яке аз мавзуъҳои мубрами таърихи муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шуда, мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати хориҷӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ** дар он дида мешавад, ки рисолаи анҷомдодаи ӯ барои омӯзиш, таҳлил ва пешгуии илмии дурнамои минбаъдаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон мусоидат менамояд. Ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ шуруъ аз интихоби мавзӯъ, муайян ва мушаххассозии мубрамияти он, мақсад ва вазифаҳои

таҳқиқот бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ анҷом ёфтааст. Муҳаққиқ дар ҷараёни кор ба шароит ва хусусиятҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон хулосаҳо ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намуда, вобаста ба муҳтаво ва мундариҷаи мавзӯъ мақолаҳои илмӣ таълиф намудааст.

Дар миёни кишварҳои минтақа кишвари ҳамҷавори Ӯзбекистон, ки бо мо аз ҳама бештар марзи тӯлонӣ дорад, мақоми хоса касб кардааст ва ин тасодуфӣ нест. Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ пеш аз ҳама дар он муайян мегардад, ки муносибатҳои ду кишвар дар сатҳи баланди шарикии стратегӣ ва ҳамёрии иттифоқӣ қарор гирифта, пайваста аз ҷониби мақомоти олии ҳар ду кишвар эътироф ва эълом дошта мешаванд.

Мавзӯи ҳамкориҳои ду давлати ҳамсоя, дар замони афзудани рақобатҳои геополитикиву геоиқтисодии кишварҳои абарқудрат барои нуфуз дар Осиёи Марказӣ хеле мубрам мебошад. Аз замони устуворшавии муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон (соли 1992) то ба имрӯз беш аз дусад созишномаву шартномаҳо дар сатҳи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расидаанд, ки самтҳои асосии ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайраро муайян намудаанд. Дар Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 4-уми январи соли 1993 ва Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 15-уми июни соли 2000 асосҳои муносибатҳои дутарафа муайян карда, эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти якдигар, баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, ҳаракат ба робитаҳои иқтисодии мутақобила таҷассум ёфтаанд, ки бахши муҳимми корро фаро мегиранд.

Муаллиф мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзиши раванд, махсусият ва шароити ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даврони истиқлолият қайд намуда, барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои зеринро иҷро кардааст: омӯзиш ва

таҳлили заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон; таҳлили шароити сиёсӣ ва иқтисодии муносибатҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI; омӯзиш ва таҳқиқи ҳамкориҳои илмиву фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон; омӯзиш ва таҳлили вазъи муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар даҳсолаи аввали асри XXI; омӯзиш ва таҳлили раванди муътадилшавии робитаҳои ду кишвари ҳамсоя дар даҳаи дуюми асри XXI ва аҳамияти таърихии онҳо; кушодани моҳияти "сиёсати дарҳои кушод" ва дипломатияи бисёрсамтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рафъи мушкилот ва душвориҳо дар робитаҳои ду кишвари ҳамсоя; омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар қаринаи шарикии стратегии ду кишвар; таҳлили афзалиятҳо ва мушаххассозии дурнамои ҳамкориҳои минбаъдаи ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳод намудаи** Мамадқулова Р.О. дар он зоҳир мегардад, ки аввалин бор шароит ва хусусиятҳои робитаҳои Тоҷикистон бо Ӯзбекистон дар охири асри XX ва даҳсолаҳои аввали асри XXI омӯхта ва таҳлил карда шудаанд. Зеро агар дар даҳсолаи охири асри XX заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии ду кишвар гузошта шуда бошад, пас дар оғози асри XXI сиёсатҳои хориҷии ҳар ду мамлакат мушаххас ва суроби муайяни назариявӣ ва геополитикӣ гирифта, дипломатияи бисёрсамтӣ ба ҳайси роҳи асосии стратегии Тоҷикистон эътироф шуда буд. Навовариҳо дар таҳлилу таҳқиқ дар он зоҳир мегарданд, ки замони омӯзиш ва баррасиҳо басо мураккаб ва тағйирёбанда буда, дар ҳама ҳолат мушкилот ва масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро ба мадди аввал мебароранд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар муҳиммияти истифода дар фаъолияти ҳаррӯзаи мутахассисони соҳаҳои гуногун зуҳур меёбад. Азбаски дар рисола шароит, хусусият ва имкониятҳои ду ҷумҳурӣ таҳқиқ шудаанд, масъулони соҳаҳо метавонанд дар асоси тавсия ва

пешниҳодҳои ироашуда фаъолияти хешро ба роҳ монанд. Азбаски замони ҷаҳонишавии робитаҳо уфуқҳои тозаи ҳамкориҳоро равшан мегардонад ва шароити амалии ҷадид ба миён меояд, таҷрибаи андӯхтаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар ин марҳила мазмуни амиқ касб намуда паёмади хуше ба бор меоранд ва намунае барои дигар ҳамсояҳо мебошанд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи тадқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои тадқиқот ва ҳаҷми интишорот, усулу равиши гузаронидани таҳқиқот таъмин кардаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ манзур карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Тахлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафхумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асоснокунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи маводи илмӣ ва таҷрибаи амалии кофӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст масъалаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқшавандаро тахлил карда, мубрам будани онро нишон диҳад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ доштани таҳқиқоти унвонҷӯ масъалаҳои баҳснок низ ба мушоҳида мерасад:

1. Муаллиф дар иншои рисолаи диссертатсионӣ аслан ба ду адабиёти илмӣ бештар такя кардааст дар ҳоле, ки дар рӯйхати адабиёт маводи илмии бисёре нишон дода шудааст ва баъзе аз адабиётҳои иқтибосдодашуда дар рӯйхати адабиёт вуҷуд надоранд, пешниҳод карда мешавад, ки тибқи талабот ба тартиб даровarda шаванд;

2. Муаллиф ҳангоми кушодани паҳлуҳои гуногуни муносибатҳои ду давлат бештар ба ҷанбаҳои гуманитарӣ ва сиёсии масъала дахл намуда,

ба ҷанбаъҳои техникӣ ва механизми пеш омадани монеаҳо дар робитаи байни ду давлат камтар аҳамият додааст, хуб мешуд, ки ҳама паҳлуҳои равобити ин ду кишвар бо далелҳои раднопазир баррасӣ мегардиданд;

3. Муаллиф ҳангоми иншои рисолаи диссертатсионӣ калимаву ибораҳои мушкилро истифода намуда, ба душворфаҳм гардонидани матни рисола роҳ додааст, хуб мешуд, ки сода ва равон иншо менамуд;

4. Муаллиф ҳангоми таҳлил робитаҳои байни ду давлат бештар ба робитаҳои дуҷониба диққат дода, ба ҷанбаҳои берунаи он, аз ҷумла ба робитаҳои байниҳамдигарии давлатҳо дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ камтар аҳамият додааст;

5. Муаллиф ҳангоми иншои рисолаи диссертатсионӣ ба такрорнависӣ роҳ дода, бо ин амал ҳаҷми рисолаи диссертатсиониро зиёд намудааст;

6. Муаллиф ҳангоми иншои рисолаи диссертатсионӣ ба камбудиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ роҳ додааст, ки ислоҳи онҳо ҳатмӣ ва ба манфиати муаллиф ва рисола мебошад;

Ҳамзамон таъкид кардан ба маврид аст, ки эродҳои дарҷшуда, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Диссертант метавонад ин эродҳоро дар таҳқиқотҳои минбаъда барои боз ҳам пурратар ва васеътар фаро гирифтани таҳқиқот ба кор барад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Мамадкулова Рано Олимовна ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст,

мувофиқ мебошад. Диссертатсия дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ буда, мустақилияти муаллиф дар пешниҳоди хулосаҳо, муқоисаҳои факту далелҳо ва ҳукмрониҳо дида мешвадмебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат метавон хулоса кард, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Мамадкулова Рано Олимовна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат мекунад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди соҳаи таърих аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии таърих, иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар маҷмуъ, Мамадкулова Р.О. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мебошад. Тақризи мазкур бо дарназардошти риояи талаботҳои бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2024, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи шӯъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар ҷаласаи мазкур 11 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 09, «зид» - 02, «бетараф» - нест. (Суратҷаласаи №04 шӯъбаи ИДМ аз 26.04.2024).

Раиси ҷаласа:
мудири шуъбаи ИДМ-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ,
номади илмҳои таърих, дотсент К.А. Қудратов

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент С.Т. Давлиёрова

Ташхисгар:
муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ,
номади илмҳои таърих, А.Ш. Раҳмонзода

Имзоҳои н.и.т., дотсент К.А. Қудратов, н.и.ф. С.Т. Давлиёрова ва н.и.т. А.Ш. Раҳмонзодаро тасдиқ мекунам: нозири калони кадри Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ: А. Зуҳуров

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рудакӣ, 33
Тел: 221-03-28
E-mail: info@osiyoavrupo.tj
Сомона: http://www.osiyoavrupo.tj